# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ибодов Шухрат Маҳмадиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Шухрат Маҳмадиевич ба яке аз масъалаҳои мубрами илми географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ бахшида шуда, фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии падидаи ишорашуда мебошад.

Ба ҳамаи пешравиҳои имруза нигоҳ накарда, масъалаи омӯзиши рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияҳои иқтисодии мамлакат тадбирҳои иловагиро тақозо дорад. Дар давраи истиқлолият бояд ҳамаи ташкилотҳои дахлдор кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки роҳҳои нави ҷалби сарватҳои табиӣ дар истеҳсолот, таъмини аҳолӣ бо ҷои кор, бартараф намудани проблемаҳои рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаро вобаста ба минтақа ва ноҳияҳои иқтисодӣ мамлакат муайян намоянд.

Мавҷудияти сарватҳои зиёди табиӣ, ба мисли захираҳои обу энергетика, маъданӣ ва ғайримаъданӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби интихоби объекти таҳқиқоти кори илмӣ гардид. Дар ҳудуди ноҳия азхудкунӣ ва истифодабарии сарватҳои табиӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва роҳҳои ёфтани соҳаҳои комуникатсионӣ, сайёҳӣ ва рекреатсионӣ кам омӯхта шудааст, ки ин ҳолат мубрам будани мавзуи интихобгардидаро нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, дар дисертатсия таҳлилу баррасии ин масъалаҳо ва пайдо намудани сабабҳое, ки ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор таъсири манфӣ мерасонанд арзёбӣ мегардад. Маҷмуи масоили мазкур мақсади омӯзиш ва ҳалли ин проблемаҳоро ба миён овард ва ин аввалин кӯшиши таҳлил ва омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ–географӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор мебошад.

Мутаассифона дар ҷумҳурӣ таҳлили илмию объективии вазъи қувваҳои истеҳсолкунанда дар структураи давлатӣ вуҷуд надорад, ё ин ки суст ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин проблемаи ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Идоракунӣ ва ба танзим даровардан, муайян намудани омилҳои ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда дар Тоҷикистон то ҳол ҷиҳати методологиаш муайян нагардидааст, бинобар ҳалталаб мебошад.

Вобаста ба ин омӯзиши ҷабҳаҳои иқтисодии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор хело муҳим мебошад.

Рисоланавис муҳимияти мавзӯи тадқиқотро муайян мекунад. Аз ҷумла пайдо кардани қонуниятҳои илмии муайян намудани оқибатҳои мусбӣ ва манфии қувваҳои истеҳсолкунанда, омилҳои иқтисодӣ

географии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда дар рушди кишвар мебошад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот илман асоснок намудани хулосаҳо оид ба мукамал намудани омӯзиши рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ва коркарду тавсия ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, бартараф намудани мушкилотҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ноҳия нигаронида шудааст.

Бояд зикр намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда докторант вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– таҳқиқӣ масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ;

– омӯзиши таърихи ташаккулёбии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия;

– омӯзиш ва таҳлили мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиии ноҳияи иқтисодии Ҳисор;

– таҳлил ва арзёби намудани вазъи кунунии рушд ва ҷойгиршавии соҳаҳои саноати ноҳия;

– муайян намудани роҳҳои ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ ноҳия;

– арзёби намудани аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои истифодаи самараноки онҳо дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор;

– самаранок истифодабарии сарватҳои табиӣ ва муайян намудани таъсири он дар дурнамои соҳаҳои саноати ноҳия;

– муайян намудани дурнамои рушди зерсоҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор;

– таҳлил ва ошкор намудани проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ ва имкониятҳои рушди соҳаҳои нақлиёт;

– пешниҳоди самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия дар ноҳия.

**Объекти таҳқиқот** омилҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор маҳсуб меёбад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Раванди мукамалгардонии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ба мақсади пешрафти ноҳия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснокунӣ, таҳлил, таҳия ва коркарди механизмҳои рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, дар шароити гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ мебошад.

Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори таҳқиқоти ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор гузаронида шудааст ва барои боз ҳам беҳтар намудани ҳолати ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҷиҳати рушди вазъи иқтисодӣ – географии ноҳия дар соҳаи мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии таҳқиқот, инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур

ба таҳқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бахри коркарди механизмҳои нави татбиқи дурусти он талабот вуҷуд дорад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд перомуни такмил додани ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар мусоидат намояд. Натиҷаҳои илмии бадастомадаро метавон дар раванди таълими фанҳои географияи табиӣ, географияи иқтисодӣ иҷтимоии Тоҷикистон, геоэкология, сайёҳӣ ва рексеатсия ва дигар фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳияи рисола, муаллиф ба асарҳои Д.Н. Ғуфронов, Р.Д. Диловаров, Х.М. Муҳабатов, М. Нурназаров, Н.Х. Хоналиев, Р.Н. Ҳайдарова, А.Ҷ. Ҷураев ва дигарон такя намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба шиносномаи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, тахти №7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Шухрат Маҳмадиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои география,**
**дотсенти кафедраи географияи**
**иқтисодӣ ва иҷтимоии**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Қаландаров А.А.**

**Имзои Қаландаров А.А-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **Мустафозода А.**
**«22» 09 2022 с.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121, E-mail: info@tgpu.tj тел: (+992) 23722241383